Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004
дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак,
шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии
факултетҳои иқтисодӣ)

# ТАҚРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Убайдзода Қандили Нусрат дар мавзӯи «Фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат) пешниҳод шудааст.**

**1. Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот**

Саноат муҳимтарин соҳаи иқтисодиёти кишвар ба шумор меравад, ки зарурати инкишофу рушди бемайлони онро талаботи бозор ба молҳои мавриди ниёз ва таъмини сатҳи устувори рушди содирот муайян менамоянд. Рушди устувори саноат дар шароити кунунӣ аз идоракунии самараноки фаъолияти сармоягузории корхонаҳо ва амалигардонии шаклҳои нави хоҷагидорӣ (кластерҳо, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ғ.) вобастагии зич дорад. Дар ин замина бояд қайд кард, ки фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ бисёрпаҳлӯ буда, ҷалби захираҳои пуливу моддиро бо таваҷҷӯҳ ба суръат бахшидан ба шаклҳои нави фаъолиятҳои сармоягузорӣ тақозо менамояд.

Рушди иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои онро дар замони муосир маҳдудияти сарчашмаҳои захираҳои сармоягузорӣ боз медорад. Бинобар ҳамин фаъолияти ноустувор ва суръати бетағйири фаъолияти сармоягузорӣ ҷиҳати таъмини рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ таъсири мусбӣ расонида наметавонад. Ин гуна ҳолат зарурияти тақвият додани таҳқиқот дар самти ошкор намудани роҳҳои асосии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузориро дар мамлакат талаб мекунад. Дар ҳалли ин масъала зарурати бартарафсозии норасоиҳо дар низоми фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноат, ки бо ташаккул ва идоракунии шаклҳои нави хоҷагидорӣ вобастагии бевосита дорад, ба миён меояд.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмии иқтисоди ватанӣ то ҳол таҳқиқоти монографии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории

корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ ба назар намерасад. Вобаста ба ин, дар асоси истифодаи корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ гузаронидани таҳлилҳои комплексӣ ва баҳогузориҳои ҳолати самаранокии сармоягузориҳо дар корхонаҳои саноатӣ дар шароити ташаккули низоми кластерӣ, асосноккунӣ ва коркарди самтҳои рушди равиши кластерӣ дар саноат ба миён омадааст. Аз ин лиҳоз мавзӯи диссертатсияи тақризшаванда муҳимияти рӯзмараро ба худ касб намудааст.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, натиҷаи таҳлили ҳаматарафаи корҳои зиёди илмию тадқиқотӣ, маводҳои конфронсҳою семинарҳо оид ба рушди кластерҳои саноатӣ, истифодаи усулҳои аз санҷиш гузашта, коркарди иттилооти оморӣ, таҳлили далелҳои сершуморе, ки аз тарафи олимон ва мутахассисон оварда шудаанд иниъикос менамояд ва асоснокию эътимоднокии натоиҷи кори илмии муаллифро таъмин менамоянд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионии Убайдзода Қ.Н. бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии аз тарафи муаллиф бадастовардашуда, инчунин аз натиҷаҳои конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳо ва мизҳои мудавваре, ки ба ин масоил бахшида шуда буданд ва мақолаю ахбороте, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба табъ расидаанд, тасдиқ мегарданд.

Дар ҷараёни шиносоӣ бо кор қайд кардан зарур аст, ки муаллиф дар кор хеле моҳирона бо адабиёи илмӣ доир ба мавзӯъи таҳқиқот рафтор кардааст ва аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ, оморӣ, муқоисавӣ, омӯзиши омилҳо, таҳлил ва синтез истифодабарии график ва ҷадвалҳо истифода намудааст.

Мавзӯи диссертатсия ва таҳқиқоти муаллиф ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисоси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ, ки дар кор оварда шудаанд, мувофиқат мекунанд.

**3. Эътибрнокии натиҷаҳои таҳқиқот ва навгониҳои илмии диссертатсия**

Навоварии кори диссертатсионӣ дар асосноккунии муқарраротӣ назариявию методии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ ва коркарди маҷмӯи чорабиниҳои амалӣ ҷиҳати инкишофи фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатии кишвар дар шароити рушди кластерҳои соҳавӣ, хулоса карда мешавад. Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст ва онҳоро ба ҳимоя пешниҳод намудааст, аз нуқтаҳои зерин иборатанд:

1. Моҳияти иқтисодии мафҳуми фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ бо таваҷҷӯҳ ба мушаххас намудани мӯҳтавои равишҳои мухталифи таҳрики фаъолияти сармоягузорӣ тадқиқ гардида, модели муаллифии суръат бахшидан ба равандҳои сармоягузорӣ дар асоси равиши кластерӣ пешниҳод гардидааст, ки эҷоди фазои мусоиди ҳамгироии ширкатҳо дар заминаи таъсиси кластерҳо, сиёсати самараноки суғуртаи фаъолияти сармоягузорӣ ва низоми фишангҳои давлатии таъсиррасонӣ ба фаъолияти сармоягузории ширкатҳоро дар заминаи ташаккулдиҳии сохторҳои корпоративӣ ва сохторҳои ҳамгироишудаи саноатӣ ба унвони омили муҳимтарини ҷалб ва истифодаи самараноки сармоягузориҳои хориҷиву дохилӣ таъриф менамояд;

2. Дар диссертатсия тавассути ҳамоҳангсозии мутақобилан судманди манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни кластер дар раванди сармоягузорӣ ба унвони принсипи дорои афзалияти хос дар шароити инкишофи кластерҳо тавсиф шудааст, ки таъмини самаранокии лоиҳаҳои сармоягузориро, ки дар шароити кластерҳо амалӣ мегарданд, кафолат медиҳад. Дар вусъат бахшидан ба фаъолиятҳои сармоягузории ширкатҳои аъзо ба истеҳсоли молу хизматрасониҳои хусусиятҳои навгонидошта ва рақобатпазир дар бозорҳои дохиливу хориҷиро яке аз аломатҳои асосии кластер тавсиф карда шудааст;

3. Равиши системавӣ ба ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши саноати ҷумҳурӣ ва манотиқи он баҳо дода шуда, таззодҳои мӯҳтавои барномаву стратегияҳои татбиқшавандаро дар самти таҳрики фаъолияти сармоягузорӣ бо ҳолати воқеии раванди ҷалб ва истифодаи самараноки сармоягузориҳои хориҷиву дохилӣ ошкор шудааст. Дар заминаи ин матрисаи

имкониятҳои ҳамгироии ширкатҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ коркард шудааст;

4. Механизми ташаккулдиҳии кластерҳои соҳавӣ бо таваҷҷӯҳ ба стратегияи сармоягузориҳои муҳофизакорона асоснок карда шудааст, ки дар қисмати вурудиаш ташкили сохторҳои ҳамгироишударо бо афзалият додан ба бунёди кластерҳои потенсиалӣ дар заминаи мушаххас намудани тарафҳои ҳамгирой, характери лоиҳаи сармоягузорӣ ва сарчашмаҳои онро дар бар мегирад;

5. Модели иқтисодиву риёзии омилҳои муассир ба фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаи саноатӣ кор карда баромада шудааст, ки фарзияҳоро дар бораи таъсири манфӣ ё мусбат расонидани омилҳои фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар мамлакат собит менамояд;

6. Дар асоси баҳогузории самаранокии амалигардонии сиёсати кластерӣ маҷмӯи тавсияҳо коркард шудаанд, ки иҷрои чорабиниҳои аниқро тақозо менамоянд.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Тадқиқоти диссертатсионии пешниҳодшуда аз муқаддима, 3 боб, хулосаву пешниҳодҳо ва 175 номгӯи адабиёт иборат аст. Маводҳои таҳлилии таҳқиқот дар 23 ҷадвал, 6 диаграмма ва 10 расм инъикос ёфтаанд.

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети тадқиқоти диссертатсионӣ, навгониҳои илмии диссертатсия мушаххас гардидаанд, аҳамияти амалӣ ва натоиҷи муҳимтарини он, ки дар раванди тадқиқот ба даст омадаанд, мавриди муҳокима қарор гирифтаанд (саҳ. 3-13).

**Дар боби аввал – “Асосҳои назариявии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ вобаста ба равиши кластерҳои саноатӣ”**, ҷанбаҳои назариявии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ вобаста ба равиши кластерҳои саноатӣ, принсипҳои асосии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва гурӯҳбандии кластерҳо ва таҷрибаи хориҷии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити рушди кластерҳои соҳавӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст (саҳ. 14-65).

Муаллиф дар ин боб ба масъалаҳои фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва ташаккули кластерҳои саноатӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир

намуда, тавассути ҷадвалҳо ва расмҳо тавсифи нишонаҳои кластерро аз рӯи дараҷаи аҳамиятнокӣ мушаххас намудааст ва исбот кардааст, ки кластерҳо дар иқтисодиёти кишвар нақши нуқтаи рушдеро мебозанд, ки дар навбати худ рақобатпазирии байналмилалии кишварро таъмин менамоянд. Муаллиф ба таври махсус қайд мекунад, ки кластер ин сохтори ҳамгироёнаи устувор, пурра, системаи сохторишудаест, ки элементҳои он дар истеҳсоли молҳои моддӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ ҳамкорӣ намуда, миқдори зиёди алоқаҳои тавсифи душвордошта ва сифати системаи тавсифдиҳандаро амалӣ мегардонад (саҳ. 27-30). Дар айни замон муаллиф тавонистааст таҳаввулоти ақидаҳои олимони ватаниву хориҷиро нисбат ба фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва ташаккули кластерҳои саноатӣ хеле моҳирона ошкор созад ва тавассути далелҳо модели консептуалии алоқаи мутақобилан судманди раванди таҳрики сармоягузориҳо ва ташаккулёбии кластерҳои саноатиро мушаххас гардонад (саҳ. 31-32).

Мо тарафдори он андешаҳои муаллиф ҳастем, ки нисбати ҷанбаҳои назариявии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ вобаста ба равиши кластерҳои саноатӣ биниши илмӣ оварда шудаанд. Дар заминаи ин, алгоритми таъмини самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат, ки дар шароити кластерҳо амалӣ мегарданд, пешниҳод карда шудааст (саҳ.45-46). Дар асоси таҳлили маҷмӯи равишҳои назариявӣ, консепсияҳо ва принсипҳое, ки метавонанд асоси коркарди модели таъминнамоии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бошанд дар шароити кластерҳои соҳавӣ бо дарназардошти назарияҳои татбиқӣ ба монанди назарияи идоранамоӣ, назарияи системаҳо, назарияи таҳлили иқтисоди - квантивӣ таҳқиқ карда шудаанд (саҳ. 53-55).

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки манбаи асосии рушди иқтисодӣ дар мамлакат на танҳо ҷорӣ намудан ва таҳияи системаҳои нави технологӣ дар сатҳи байнисоҳавӣ мебошад, балки тақсимоти воситаҳои истеҳсолот ва қувваи корӣ, тағйир додани соҳаҳои самараноки фаъолияти иқтисодӣ ба самтҳои муассиртар бо мақсади ташаккули таносуби оптималии байни кластерҳо “комбинатсияҳои кӯҳна ва нав” барои таъмини динамикаи мусбии рушди иқтисодӣ мебошад.

**Дар боби дуюм - “Аломатҳо, нишонаҳо, ва тамоюлҳои асосии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ вобаста ба инкишофи кластерҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”**, арзёбии ҳолати воқеии муҳити сармоягузорӣ ва ҷозибияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоюлҳои асосии рушди

фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши саноат, модели консептуалии таъминнамоии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат вобаста ба рушди кластерҳои соҳавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар ин боб кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки арзёбии ҳолати воқеии муҳити сармоягузорӣ ва ҷозибияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардад.

Дар асоси таҳлили раванди амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки хусусияти хоси фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити афзуншавии дараҷаи иқтисоди миллӣ давлат дар ташкили асосҳои иқтисоди бисёрсатҳа ва фаъолияти сармоягузорӣ бештар аз ҳолати молиявии корхона вобаста аст (саҳ. 78-79).

Муаллиф қайд намудааст, ки фаъолияти ҳамаи корхонаҳо дар асоси равиши кластерӣ боз ҳам устувортар мегардад ва бевосита сармоягузориҳоро талаб менамоянд. Асоснок карда шудааст, ки ташкили кластерҳои соҳавӣ дар бахшҳои мувофиқи мақсад, минтақаҳои алоҳидаи мамлакат ва ҳалли масъалаи муҳим дар сиёсати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, ки истифодаи онҳо таъсири оқибатҳои манфии фаъолияти сармоягузории хориҷиро паст менамояд, асоснок карда шудааст (саҳ. 89-92). Аз ин рӯ, дар диссертатсияи тақризшаванда якчанд таклифҳое пешниҳод гардидаанд, ки амалигардонии онҳо барои кишвар хусусиятҳои мусбӣ доранд.

Дар ин боб зимни таҳлили ҷиддии риштаҳои дар боло зикргардида муаллиф таклиф месозад, ки ҳангоми ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ бояд чунин стратегияе интихоб карда шавад, ки ба манфиатҳои миллӣ созгор шуда тавонад ва барои пешрафти устувории иқтисодиёти мамлакат ва сулҳу оромии ҷомеа мусоидат намояд (саҳ. 106-108).

**Дар боби сеюм - "Самтҳои асосии фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва ташаккулёбии кластерҳои саноатӣ"**, алгоритми муайян намудани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат вобаста ба рушди кластерҳои соҳавӣ, баҳогузорӣ ва амалигардонии сиёсати саноатии кластерҳои соҳавӣ ва омилҳои тақсимшавии таваккали пуршиддат дар фаъолияти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шудааст. Ҳадафҳои рушди соҳаи саноат яке аз нақшаҳои амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёт аниқ карда шудааст. Муаллиф тавонистааст идоракунӣ ва тартиби таҷҳизонидани воситаҳои методии таъминоти самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат дар шароити рушди кластерҳои соҳавӣ маҷмӯи зинаҳои иҷрокунандаи нишондодҳо ва масъалаҳои муайяннамоӣ барои ҳар яке аз

ин зинаҳо муйян ва аниқ намудааст (саҳ. 119-121). Барои баҳогузорӣ ва амалигардонии сиёсати саноатии кластерҳои соҳавӣ системаи нишондиҳандаҳои баҳогузории самаранокии сиёсати кластерӣ бо дарназардошти омилҳои рушди кластер коркард ва пешниҳод карда шудааст (саҳ. 123-125). Муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҳлилҳои регрессиониву коррелятсионӣ маълум мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон МММ, ки дар ташаккулёбии даромади миллӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ саҳми назаррас дорад, дар навбати худ аз ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ вобастагии қавӣ дорад.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки баъзе аз ин монеаҳо натиҷаи роҳандозӣ гардидани моделҳои гуногуни гузариш ба иқтисоди бозорӣ мебошанд. Яке аз чунин ҳолатҳо аз байн рафтани сохтори бисёрсоҳавии саноат мебошад. Муаллиф дуруст таъкид кардааст, ки дар замони муосир соҳаи саноат аз аввалиятҳои иқтисоди миллӣ ба шумор меравад ва самтҳои афзалиятнок барои ноил гаштан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишварро асоснок кардааст (саҳ. 149-151).

Дар хулоса натиҷаҳои мухтасари назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд (саҳ. 151-156).

**5. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Ба андешаи мо, дар баробари дастовардҳои намоёни илмӣ баъзе камбудиҳо ва нуқсонҳо низ дар диссертатсия ба чашм мерасанд, ки мо ба баъзе аз онҳо ишора менамоем:

1. Дар қисмати назариявии рисола ба омилҳое, ки барои муайян намудани кластери иқтисодӣ мусоидаткунанда, бахусус алоқамандии амудӣ ва уфуқии байни соҳаҳои саноат асоснок шудааст. Аммо дар қисмати арзёбӣ ва ташаккулёбии кластерҳои саноатӣ таҳлили алоқамандии амудӣ ва уфуқии байни соҳаҳои саноат аз назари муаллиф дур мондааст;

2. Ба назари мо, диссертатсия боз ҳам бурд мекард, агар дар модели намунавии алоқамандии фаъолияти сармоягузорӣ ва ташаккулёбии кластерҳо муаллиф ба мушкилоти суръат бахшидан ба фаъолияти сармоягузорӣ аҳамияти кофӣ медод. Инчунин ақидаи муаллиф оид ба ташкили сохторҳои ҳамгироишудаи саноатиро дар алоқамандӣ бо инкишофи сохторҳои корпоративӣ чун омили муҳим дар раванди ташаккулёбии кластерҳо баҳсталаб аст ва асосноккунии иловагиро талаб мекунад;

3. Аз тарафи муаллиф дар раванди ҳалли масъалаҳои фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва ташаккулёбии кластерҳои саноатӣ ба амалисозии лоиҳаҳои инноватсионӣ аҳамияти хоса дода шудааст. Аммо дар механизм ва стратегияи арзёбии кластерҳои соҳавӣ равандҳои инноватсионӣ бо дарназардошти фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ таҳлили худро наёфтааст;

4. Ба андешаи мо кор бурд мекард, агар дар рафти асоснок кардани фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва ташаккулёбии кластерҳои саноатӣ муаллиф бештар ба мушкилоти корхонаҳои ватанӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекард. Таҳлилҳое, ки оварда шудаанд пурра ва ба таври шаффоф мушкилоти давраи гузариш ба иттиҳодияҳои кластериро инъикос намекунанд;

5. Дар саҳ.138 – и диссертатсия муаллиф дар асоси таҳлил ба хулосае омадааст: "Таъсири раванди илми - техникӣ дар чунин системаи мураккаб ҳамчун корхона бениҳоят бузург аст... ва намегузорад, ки пастравии истеҳсолот ба вуҷуд ояд, хароҷоти маҳсулот зиёд карда шавад". Мутаасифона дар кор биниши илмии муаллиф нисбат ба ташаккули кластери инноватсионӣ дар саноати мамлакат аниқ ва асоснок нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

**6. Мувофиқати диссертатсия ба тартиби додани дараҷаи илмӣ.**

Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии тақризшаванда таҳқиқоти илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода мекунанд.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию методологӣ ва амалии инкишофи фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластериро тараққӣ медиҳанд.

Диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи «Фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки

бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионии тақризшаванда Убайдзода Қандили Нусрат дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат) дода шавад.

**Муқаррризи расмӣ:**
Профессори кафедраи назарияи иқтисод
ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии)
Руссия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои
иқтисодӣ, академики Академияи
байналхалқии мактабҳои олӣ Комилов С.Ҷ.

Имзои Комилов С.Ҷ. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Руссия ва Тоҷикистон Давлатов Х.Х.

ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: ш. Душанбе, к. М.Турсунзода, 30.
Тел: (992)37 221-35-50
Http://www.rtsu.tj /ru/